**СУРАТҶАЛАСАИ № 25**

**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и**

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 22-юми декабри соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ

8 нафар, аз ҷумла 8 нафар докторони илм.

**РӮЗНОМА:**

1. Баррасии мактуби ҷавобии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (тахти №06-725 аз 18.12.2023 ба мактуби №34аз 07.11.2023) ҷиҳати баррасӣ ва аз нав ба сомона гузоштани эълони ҳимояи диссертатсияи **Суриева Шакармо Чоршанбиевна.**

2. Баррасии хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ ва иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** дар мавзуи **“Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), барои муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос намудани аъзои Шуро бо мактуби ҷавобии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№06-725 аз 18.12.2023), ҷиҳати аз нав баррасӣ ва ба сомона гузоштани ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** суханро ба котиби илмии Шуро профессор Н.А. Ҳамробоев вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-KOA026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ба унвони раиси Шурои диссертатсионӣ аз номи довталаб **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** санаи 28-уми октябри соли 2023 ариза барои баррасии диссертатсия ва автореферат ворид шуда буд. Ариза мувофиқи талаботи Низомнома дар муҳлати муайяншуда баррасӣ гардид, вале аз сабаби риоя нашудани банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, яъне мақолаи унвонҷӯ, ки баъди муҳокимаи кафедра нашр шудааст, ба хулосаи кафедра ворид карда шудааст. Аз ин рӯ, эълони ҳимояи диссертатсияи довталаб **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** аз сомона гирифта шуд. Баъди ирсоли мактуб ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи мактуби ҷавобии он (№06-725 аз 18.12.2023) диссертатсия дигарбора барои аз нав баррасӣ ва ба сомона ҷойгир кардан иҷозат дода шуд.

Аз ин рӯ, ҳуҷҷатҳои довталаб **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои аз нав баррасӣ намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Суриева Шакармо Чоршанбиевна** ва барои ба сомона гузоштан монеа вуҷуд надорад.

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи дуюм баъди баромади котиби илмии Шуро раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. барои пешниҳод намудани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи унвонҷӯ Суриева Шакармо дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика

ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) суханро ба раиси комиссияи экспертӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хоҷаева Мубина вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хоҷаева М.Ҷ. баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилотро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи тахшхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал –** Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акадмик Бобоҷон Ғафуров”.

**Муқарризи расмии дуюм –** Разоқов Хуршед Соҳибназарович, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 2-юми марти соли 2024, соати $9^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор –** 8 нафар, **зид –** нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.